# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба дисертатсияи Мирзоев Ғолибшо Шарифович “Фаъолияти “биступанчҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929 – 1941)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод гардидааст.**

Омӯхтан, таҳқиқи таърихномаи миллат аз рукнҳои хоси худшиносиву худогоҳӣ буда, барои ба ҳам пайвастани дирӯз, имрӯз ва фардои сарнавиштсоз хизмат мекунад.

Ҳақшиносона бояд зикр кард, ки даврони шӯравӣ барои халқҳои Осиёи Марказӣ ва минҷумла тоҷикон, аз бисёр ҷиҳат дорои аҳамияти бузургӣ таърихӣ аст. Маҳз бо татбиқи сиёсати иқтисодии Ҳукумати Шуравӣ мардумони Осиёи Марказӣ сарзамини худро обод карданд ва биёбонҳои лабташнаро ба водиҳои зархез табдил доданд.

Баҳрабардорӣ аз арзишҳо ва меъёрҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ки имрӯз давлатдории худро тибқи он анҷом медиҳем, натиҷаи ҳамзистӣ ва ҳамкориҳои мо бо дигар халқҳои шуравӣ мебошад. Ва ниҳоят барои истиқлолияти миллӣ, ки саранҷом насиби мо гардид, якумр мо сипосгузор аз Инқилоби Октябр ҳастем.

Дар тақвияти ин гуфтаҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд менамоянд: “Инқилоби Октябр ба мардуми мо умеду умри дубора бахшид. Халқи тоҷик баъди ҳазор соли аз байн рафтани сулолаи Сомониён боз соҳиби давлат шуда, дар харитаи сиёсии ҷаҳон арзи вуҷуд кард.

Инқилоб Тоҷикистонро соҳиби сарзамин кард ва аз зери фишори бадхоҳонаш озод намуд. Барои мардум танг ҳам бошад, майдони кор ва эҷоду фаъолият муҳайё сохт. Оҳиста – оҳиста дар водиҳои нообод ва кӯҳистонҳои дурдаст деҳаҳо ва шаҳру ноҳияҳои обод бунёд гаштанд. Мактабу маориф ва илму фарҳанг босуръат инкишоф ёфт.

Фарзандони халқи тоҷик бо мададу дастгирии бародаронаи олимони русу украин ва дигар халқҳо дар кашфи нодиртарин соҳаҳои илм ангуштнамо шуданд.

Дар ин раванд диссертатсияи номзадии Мирзоев Ғолибшо Шарифович “Фаъолияти “биступанҷҳазориён” ва бригадаи сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929 – 1941)” саривақтӣ буда, аҳамияти илмиву амалӣ ва тарбиявӣ дорад.

Диссертант мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро асоснок намуда, қайд менамояд, ки дар таърихи сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистон ҷои намоёнро “биступанҷҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст – отрядҳои пешқадами синфи коргари Русия ишғол мекунанд. Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҳукумати Шӯравӣ аз вазифаҳои бартараф намудани қафомонии иқтисодӣ ва тараққиёти пуравҷи тамоми хоҷагии халқи ҷумҳурӣ баромада, барои тезонидани тараққиёти калхозҳо ва тараққӣ додани обёрӣ ва заминкушоӣ дар Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешиданд.

Ҳамзамон диссертант таъкид менамояд, ки омӯзиши комил ва ҳаматарафаи фаъолияти биступанҷҳазориён ва саҳми онҳо дар амалӣ сохтани се барномаи муҳташами давлати шӯравӣ – саноаткунонии мамлакат, коллективонии хоҷагии қишлоқ ва инқилоби маданӣ дар Тоҷикистон, ки то имрӯз ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст, барои боз ҳам васеътар инъикос намудани таърихи замони шӯравии Тоҷикистон аз аҳамият холӣ нест.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзӯи таҳқиқ мавриди баррасӣ қарор гирифта, объекту предмети таҳқиқ мушаххас карда мешавад, асосҳои назариявию методологӣ ва методҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои истифодашуда баён, навгонии имлӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян мегардад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия – “Ёрии “биступанҷҳазориён” ба халқи Тоҷикистон дар сохтмони ҷомеаи нави сотсиалистӣ (1929 - 1937)” ба масъалаҳои ба Тоҷикистон омадани коргарони рус – биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст, саҳми “биступанҷҳазориён” дар рушди саноати Тоҷикистон, ёрии “биступанҷҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст дар бунёди совхозҳо ва колхозҳо бахшида шудааст.

Муаллиф боби мазкурро мавриди таҳқиқ қарор дода, қайд менамояд, ки дар соли 1929 роҳбарияти ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла ҶШС Тоҷикистон ба ҳукумати иттифоқ муроҷиат карданд, то коргарони бо таҷрибаро барои расонидани ёрии амалӣ фиристад. Баъдтар 3 ташкилоти ҳизби коммунистии вилояти Москва ба меҳнаткашони Масква, Ленинград, Иваново – Вознесенск муроҷиат карда, хоҳиш намуданд, ки ба деҳқонон дар коллективонидан ва азнавсозии хоҷагии қишлоқ кӯмак расонанд. Коргарони корхонаҳои нассоҷии Иваново – Вознесенск ва Москва аввалин шуда дар посух ба даъвати пахтакорон дар бораи кӯмак хоҳиши худро иброз доштанд.

Хулосаи муаллиф дар бораи он, ки маъракаи муҳими давлатӣ – ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ фиристодани мутахассисони соҳибтаҷриба аз маркази мамлакат, имкон дод, ки заводу фабрика, дигар корхонаҳои саноатӣ, колхозу савхозҳо бо мутахассисони варзида ва ташкилотчиёни моҳир таъмин карда шаванд. Яке аз омилҳои муҳими татбиқи се барномаи муҳташами давлатӣ шӯравӣ – саноаткунонӣ, коллективонии соҳаи аграрӣ ва сохтмони маданӣ дар Тоҷикистон, ин ширкати биступанҷҳазориён дар ин маъракаҳо буд. .

Диссертант доир ба вазъи саноаткунонӣ сухан ронда, аз ҷумла менависад: “Ихтиёрони корхонаҳои саноатии ҶСФШР дар соҳаи иҷрои вазифаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расониданд. Коргарони бригадаҳои сафарбаршуда аз шаҳрҳои Москва ва Иваново – Вознесенск, ки ноҳияи Хуҷандро сарпарастӣ карданд, тавассути ташкили васеи корҳои фаҳмондадиҳӣ дар ташкили рушди колхозҳо ёрии мушаххас

расонданд ва афзалиятҳои системаи колхозиро бо мисолҳои мушаххас нишон доданд.

Бо туфайли кӯмаки фаъолонаи ҳамаҷонибаи синфи коргари Русия, алалхусус биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст, дар тӯли нақшаи аввали панҷсола дар Тоҷикистон 17 корхонаи бузурги саноатӣ, аз ҷумла комбинати абрешими Хуҷанд, фабрикаи пиллакашии Душанбе, корхоннаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, роҳҳои асосӣ ва иншоотҳои гидротехникӣ сохта ба истифода дода шудаанд".

Дар зербоби сеюми боби якум муаллиф ба таҳқиқ ва таҳлили ёрии биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст дар бунёди савхозҳо ва колхозҳо машғул шудааст.

Диссертант барҳақ тазаккур медиҳад, ки биступанҷҳазориён аз рӯзҳои аввали кори худ дар колхозу савхозҳо ва стансияҳои мошинию трактории ҷумҳурӣ фаъолияти амалии худро оғоз намуданд. Меҳнаткашони Русия бо рӯҳбаландии калон ба коркунони ҳизбӣ, шӯравӣ ва хоҷагӣ, роҳбарону колхозу совхозҳо дар кори барпо намудани колхозҳо, ҷалб намудани деҳқонон ба кори коллективонӣ дар хоҷагии қишлоқ, дар истеҳсолот истифода бурдани техналогия ва тайёр кардани кадрҳо аз ҷумлаи деҳқонони маҳаллӣ шуруъ карданд.

Диссертант зикр менамояд, ки бригадаҳои сарпараст ва биступанҷҳазориён дар якҷоягӣ бо корҳои ташкилӣ ва хоҷагӣ дар ташкили корҳои фарҳангию маърифатӣ дар колхозҳо машғул буданд, барои деҳқонон кумитаҳои барҳам додани бесаводӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати умумӣ,, сиёсӣ ва фарҳангии деҳқононро ташкил мекарданд, маърузаҳо мекарданд, филмҳои аз Русия овардаашонро намоиш медоданд, дар ташкили гурӯҳҳо кӯмак мерасониданд, баромадҳои ҳаваскорон, рӯзномаҳои деворӣ нашр карданд, дар кушодани боғчаҳо, яслиҳо ва ғайра кӯмак намуданд.

Дар боби дуюми диссертатсия – "Нақши "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар азхуднамоии водии Вахш ва дигар иншооти

ирригатсионӣ” ширкати “бистутанчҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст дар сохтмони “Вахшстрой” ва сохтмони иншоотҳои обёрикунанда ҷамъбаст гардидааст.

Шиносоӣ бо диссертатсия аз он шаҳодат медиҳад, ки 15 – уми сентябри соли 1931 сохтмони азими системаи обёрии Вахш оғоз ёфта, ба рӯйхати 150 иншооти махсусан муҳими ИҶШС, ба мисли Уралмаш, Днепрогэс, комбинати металургии Магнитогорск, заводи тракторсозии Сталинград, заводҳои автомобилсозии Горкий ва сохтмони роҳи оҳани Туркистону Сибир (Турксиб) дохил карда шуд. Аҳаммияти ин лоиҳа барои Давлати Шӯравӣ далели он аст, ки Вахшстрой дар Москва намояндагии доимӣ дошт, зеро барои зудтар ба итмом расонидани он ҳамагон шавқманд буданд.

Диссертант барҳақ тақвият медиҳад, ки “Вахшстрой”-ро ташкилотчиёни воқеан боистеъдод – “биступанчҳазориён” роҳбарӣ мекарданд, ки аз шаҳрҳои мухталифи Русия, Украина, Белорусия бо дастури комсомол омада буданд. Назоратчиёни участкаи сохтмон И. Толстоятов, Ефим Андреевич Башилов, Семён Константинович Колижнюк, саринженерон С. И. Сиромятников, С. Г. Запрометов буданд. Котибони кумитаи ҳизбӣ Константин Андреевич Голтсман, Николай Иванович Епифанов, ки худро сарбозони ҳизб дар фронти меҳнат меҳисобиданд, ба идеалҳои бунёди аввалин давлати сотсиалистии ҷаҳон дар байни коргарон ва деҳқонон симимона бовар мекарданд ва дар шароити душвортарин тавонистанд сохтмони азимро ба вуҷуд оранд.

Диссертатсия бо зербоби “Ширкати “биступанчҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст дар сохтмони иншоотҳои обёрикунанда” анҷом меёбад.

Дар рисола қайд шудааст, ки мувофиқи нақшаи якуми панҷсолаи рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон, диққати асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба тараққиёти ҳамаҷониба пахтакорӣ дар ҷумҳурӣ дода мешуд. Ин ниёз аз сиёсати иқтисодии Давлати Шӯравӣ барои ба даст овардани истиқлолияти

пахтаи ИҶШС дар солҳои 30-юми асри XX ба миён омадааст. Бо ин мақсад вазифа гузошта шуд, ки майдони кишти пахта хеле васеъ карда шуда, истеҳсоли навъҳои пахтаи маҳиннах да Тоҷикистон якбора зиёд карда шавад.

Далелҳои муътамад собит менамояд, ки шохаҳои канали магистралии Вахш аз каналҳои Ҷӯйбор (дарозиаш 25,6 км, сарфи об дар сарҳагаш 52 $м^3$/сон), Октябр (дарозӣ 2,6 км, сарфи об 21 $м^3$/сон), Гулистон (37,5 км, сарфи об 37 $м^3$/сон), Қумсангир (61,2км, сарфи об дар саргаҳаш 51 $м^3$/сон), Ҷиликулкофир бо поёнобаш канали Ҷиликул (35,2 км, сарфи об 36 $м^3$/сон) иборатанд. Ба воситаи канал 90 ҳазор га замин, аз ҷумла 55 ҳазор га пахтазори ноҳияҳои Қурғонтеппа, Вахш, Колхозобод ва Қумсангир обёрӣ мешавад.

Тақризи мазкурро ҷамъбаст намуда бо боварии комил метавон гуфт, ки диссертатсияи Мирзоев Ғ.Ш. таҳқиқоти илмии том ва анҷомёфта мебошад.

Қобили қайд аст, ки муаллифи диссертатсия дар хулосаи худ ба таърихи фаъолияти "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон баҳои арзанда дода, маводи арзишноки ҳуҷҷатиро доир ба минбаъд беҳтар намудан ва таҳқиқи проблемаи мазкур пешниҳод менамояд.

Рисолаи диссертатсионии Мирзоев Ғ.Ш. ба марҳилаи муҳимми таърихи халқи тоҷик бахшида шудааст, таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида мешавад. Бешубҳа бояд қайд намуд, ки вай ҷои холӣ дар таърихи Тоҷикистон мавҷударо пурра хоҳад кард.

Дар баробари ин, ҳамчун муқарризи расмӣ якчанд эродҳои худро дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлили рисолаи диссертатсионӣ ба миён омаданд, баён намоям.

1. Мувофиқи мақсад мебуд агар фаъолияти якҷояи биступанҷҳазориён бо ситодҳои комсомолии сохтмони Вахшстрой васеътар инъикос карда мешуд.

2. Дар диссертатсия саҳми "бистопанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар бунёди муассисаҳои маданӣ - маърифатӣ нокифоя мавриди таҳлил қарор ёфтааст.

3. Дар диссертатсия ва автореферат баъзе хатоҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида мешаванд.

Вале ин эродҳо характери принсипалӣ надоранд ва дастовардҳои асосии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Автореферат ва корҳои нашргадидаи унвонҷӯ мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

Рисолаи диссертатсионии Мирзоев Ғолибшо Шарифович "Фаъолияти "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)" ба талаботи пешниҳодкардаи Комиссияи олии аттетатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқат менамояд.

Мувофики бандҳои 69-73, 74-77, 79 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 .06 .2021, № 267 Мирзоев Ғолибшо Шарифович ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07. 00. 02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор аст.

**Муқаррizи расмӣ, доктори**
**илмҳои таърих, профессори**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба**
**номи академик Бобоҷон Ғафуров** **Набиев Ваҳоб Машрафович**

Имзои профессор В. М. Набиевро
тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров Э. Наврузов

19.01.23

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 ш. Хуҷанд, гузаргоҳи
Мавлонбек 1, ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров
Тел: (+992) 92 – 803 – 00 – 01
E – mail: v.m.nabiev@mail.ru